**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,**
**хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Файзализода Бахтиёр Файзалӣ дар мавзуи "Ҳуқуқ ба таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: пажӯҳиши таърихӣ – назариявӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. – 35саҳ).**

Давлати демократию ҳуқуқбунёдро бе назардошти эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон тасаввур кардан ғайриимкон аст. Аз ин ҷост, ки имрӯзҳо ҳар як давлати ҷаҳон, ки худро расман демократию ҳуқуқбунёд эълон карда, нисбат ба масъалаи эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда истодаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун давлати демократию ҳуқуқбунёд ба масъалаи эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Дар ин хусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои худ таъкид доштанд, ки «Кишвари мо роҳи эъмори ҷомеаи ҳуқуқбунёдро интихоб намудааст, ки яке аз ғояҳои асосии он таъмини волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад».

Бояд қайд намуд, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҷузъи таркибии қонунгузории кишварро ташкил медиҳад. Пеш аз ҳама, дар моддаи 5-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, ки «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд». Меъёри

конститутсионии мазкур гувоҳи он аст, ки дар Тоҷикистон ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон вазифаи давлат мебошад. Давлат ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро бо роҳу воситаҳои муқаррарнамуди қонунгузории кишвар ба роҳ мемонад. Тавре дар моддаи 14-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидааст: «Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд». Аз меъёри мазкур бармеояд, ки ҳифзи ҳуқуқи инсон тавассути қонунгузории соҳаҳои мухалифи ҳуқуқи кишвар ба роҳ монда мешавад.

Лозим ба ёдоварист, ки масъалаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз давраҳои қадим яке аз масъалаҳои ҷаҳонӣ маҳсуб меёфт. То имрӯз оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон дар арсаи байналмилалӣ ташкилотҳои зиёди байналмилалию минтақавӣ таъсис дода шудаанд, ки баҳри ҳифзи ҳуқуқи инсон дар тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ фаъолият менамоянд. Дар баробари ин, дар арсаи байналмилалӣ шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, чӣ дар стаҳи минтақавӣ ва чӣ дар сатҳи байналмилалӣ қабул карда шудаанд, ки тамоми паҳлӯҳои ҳуқуқу озодиҳои инсонро танзим намуда, ҳифзи ҳуқуқи инсонро ҳамчун уҳдадорӣ ба зиммаи давлатҳо вогузор мекунанд. Махсусан, ҳуқуқи инсон ба таҳсил ҷузъи таркибии аксари санадҳои байналмилалиро ташкил медиҳанд. Новобаста аз он, ки ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар сатҳи қонунгузории миллӣ танзими худро ёфтаанд, вале ҳанӯз ҳам дар амалисозию ҳифзнамоии онҳо баъзе аз масъалаҳои баҳснок ҷой доранд, ки таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Файзализода Б.Ф. ба масъалаи мазкур бахшида шуда, аҳаммияти калони назариявию амалиро соҳиб мебошад.

Аз моҳияти интишороти муаллиф, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст, бармеояд, ки таҳқиқбаранда паҳлӯҳои гуногуни пажӯҳиши таърихӣ-назариявии ҳуқуқ ба таҳсилро бисёр хуб омӯхта, натиҷаҳои

таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар шакли мақолаҳои илмӣ ба чоп расонидааст. Натиҷаҳои таҳқиқҳои илмии муаллиф дар 5 конференсияи ҷумҳуриявию байналмилалӣ ироа гардидаанд, ки гувоҳӣ аз масъулияти муаррифии илми ҳуқуқшиносии ватанӣ дар сатҳҳои гуногун аз ҷониби диссертант мебошад.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Файзализода Б.Ф. дарак медиҳад, ки рисолаи илмӣ дар заминаи сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ, конунгузории миллӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқукии байналмилалӣ анҷом дода шуда, дар натиҷа нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалие пешниҳод шудаанд, ки барои такмили қонунгузории соҳавии кишвар ва илми ҳуқуқшиносӣ метавонанд саҳми арзанда гузоранд.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ дар ҳалли бисёре аз масъалаҳои марбут ба мавзӯи таҳқиқот муваффақ гардидааст. Вале дар баробари ин, баъзе ҳолатҳо ва андешаҳи баҳснок ба назар мерасанд, ки аслан чунинанд:

1. Унвонҷӯ шарҳи мафҳум, моҳияти ҳуқуқ ба таҳсил ва мавқеи онро дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд асоснок намуда, корҳои назаррасро анҷом додааст. Муаллиф, ки бештар пажӯҳиши таърихӣ-назариявии ҳуқуқ ба таҳсилро анҷом додааст, мехостам ақидаи ӯро оиди ба кадом гуруҳи ҳуқуқҳо (ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ) тааллуқ дошатни ҳуқуқ ба таҳсилро фаҳмида бошам. ( саҳ 24).

2. Таҳқиқбаранда дар тавсияи амалии шашум пешниҳод кардааст, ки ба Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» ва қонунгузориҳои дахлдори соҳаи андоз тағйироту иловаҳо ворид карда шуда, барои муассисаҳои ғайридавлатии таҳсилоти иловагӣ ва марказҳои омӯзишӣ-омодасозии хусусӣ, ки ба муштариёни худ мувофиқи ихтисосҳои интихобнамудаашон машғулиятҳо мегузаронанд, чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва сабукиҳои махсус ҷорӣ карда шаванд. Хуб мешуд, шарҳ дода мешуд, ки кадом намуди сабукиҳо ба марказҳои мазкур дода шавад. (саҳ 14).

Маврид ба зикр аст, ки эродҳои мазкур арзиши илмии рисоларо коҳиш надода, ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд, балки аз баҳсноку мураккаб будани масъалаи баррасишаванда дарак медиҳанд.

Аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур хулоса баровардан мумкин аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Файзализода Б.Ф. дар мавзуи “Ҳуқуқ ба таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: пажӯҳиши таърихӣ – назариявӣ” ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ
ва мурофиаи факултети 4 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Муҳаммадӣ И.С.

Имзои И.С. Муҳаммадӣ-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбача оид ба ҳайати шахсии АМВД ҶТ,
Полковники милитсия Олимзода А.А.
«4» 05 2023 с.

**Суроға:** 734024, ш. Хуҷанд, мкр 17, бинои 1.